Бачаҳои азиз!

Барои муроҷиат ба шумо таронаеро аз китоби Забур истифода мебарем:

*Ҳалелуёҳ!*
*Худоро биситоед дар ҷои муқаддасаш;*
*Ӯро ситоиш кунед дар фалаки қудраташ.*
*Ситоедаш барои корҳои боқудраташ;*
*Ситоедаш аз рӯи азамати бузургаш.*
*Бо навохтани карнай ӯро ситоиш кунед;*
*Бо уду ҳам бо барбат Ӯро ситоиш кунед.*
*Бо доираву бо рақс Ӯро ситоиш кунед;*
*Бо асбобҳои торнок ва най Ӯро ситоед.*
*Ӯро бо санҷҳои хушнаво бисupитоед;*
*Ӯро бо санҷҳои баландовоз ситоед.*
*Ҳамаи нафасдорон Яздонро биситоянд.*
*Ҳалелуёҳ!*

Бигзор Худованд ин сурудҳоро барои он истифода барад, ки аз даҳони шумо низ ҳамду сано ёбад.

Муҳаррирони
Сурудномаи "Чашма"

## 1 АГАР МАН ТАРСАМ

Агар ман тарсам/Қувватам Туӣ.
II:Агар ман хобам/Посбонам Туӣ.:II

Агар хоб бинам/Ҳамроҳам Туӣ.
II:Саҳар мехезам/Ва бо ман Туӣ.:II

Агар мондаам/Умедам Туӣ.
II:Агар суст ҳастам/Зӯри ман Туӣ.:II

Гар дудилаам/Роҳбарам Туӣ.
II:Агар беморам/Духтурам Туӣ.:II

Агар хафаам/Ёриям Туӣ.
II:Аз гуноҳонам/Наҷотам Туӣ.:II



## 2 АЗ БАЙТ-ЛАҲМ АСТ ИН СИТОРА

1. Аз Байт-Лаҳм аст ин ситора,
   Хезед, ба он нигоҳ кунед.
   Ин зеботарин ситора,
   I:Аз дуру наздик биёед.:I



2. Роҳ нишон диҳад ба Исо,
   Пас, биёед хурду калон.
   Хоб дар охур чун бечора,
   I:Лекин шавад Шоҳи ҷалол.:I

## 3 АЗ ПАЙРАВИИ МАСЕҲ

Аз пайравии Масеҳ хурсандам, (3x)
Аз пайи Ӯ! Аз пайи Ӯ!

Бе ёр ҳам бошам, роҳ мепаймоям! (3x)
Аз пайи Ӯ! Аз пайи Ӯ!

Дунё дар пушт аст, салиб дар пеш аст! (3x)
Аз пайи Ӯ! Аз пайи Ӯ!

## 4 АЗ СИДҚИ ДИЛ МО БОЯД ДУРАХШЕМ

1 Аз сидқи дил мо бояд дурахшем,
Дар шаби торик чун чароғ бошем.
Дар ҷаҳони торик ба нур нек бошем,
Ба ҳар навъе ки бошад, нек бошем.

2. Ба Шоҳи шоҳон бояд дурахшем,
Дар роҳаш доим устувор бошем.
Ӯ моро мебинад, фаромӯш накун,
Ба ҳар ҳоле ки бошад, дурахшем.



3. Барои Масеҳ бояд дурахшем,
Хабари нек ба ҳар сӯе барем.
Доим ба Худованд вафодор бошем,
Ҳар даму ҳар вақт вафодор бошем.

# 5 АЗ ҲАМА БЕҲТАР

*Бандгардон:*

Аз ҳама беҳтар,
Пеши Худованд ту беҳтарӣ.
Аз ҳама беҳтар,
Хеле аҷибӣ.

1. Аҷоиб сохта шудӣ,
Чашмони зебо дорӣ.
Ин дунёро мебинӣ,
Худо туро сохт чунин.

2. Аҷоиб сохта шудӣ,
Дастҳои боқувват дорӣ.
Ёрӣ дода метавонӣ,
Худо туро сохт чунин.

3. Аҷоиб сохта шудӣ,
Пойҳои давон дорӣ.
Бар замин ту мегардӣ,
Худо туро сохт чунин.

4. Аҷоиб сохта шудӣ,
Гӯшҳои тезе дорӣ.
Сурудҳоро мешунав
Худо туро сохт чуни

5. Аҷоиб сохта шудӣ,
Бинии ҳассос дорӣ,
Бо он ту бӯй мекашӣ
Худо туро сохт чуни



# 6 АҶОИБ ЗАМИНЕ СОХТ ХУДО

1. Аҷоиб замине сохт Худо,
   Бар гулу кӯҳҳои баланд кун нигоҳ.
   Бар офтоб назар афкану бар абрҳо,
   Гӯш деҳ ба хониши мурғони ҳаво.
   Аҷоиб замине сохт Худо,
   Бар гулу кӯҳҳои баланд кун нигоҳ.

2. Худо чӣ замине офарид.
   Ҳар зарраеро бо ҳикмат андешид,
   Ҳайвону паранда, ҳар гуна моҳӣ.
   Моро Ӯ сохт ба сурати илоҳӣ.
   Худо чӣ замине офарид,
   Ҳар зарраеро бо ҳикмат ан дешид.

3. Мӯъҷиза кард Ӯ дар Ҷолҷолто,
   Исо баҳри ману ту дод ҷонашро.
   Олами торикиямро кард пурнур
   Наҷот ёфтам, кард гуноҳонамро дур.
   Мӯъҷиза кард Ӯ дар Ҷолҷолто,
   Баҳри ману ту Исо дод ҷонашро.



# 7 БАЛАНДИИ ОСМОНРО БИНАМ

1. Баландии осмонро бинам.
   Ҳусни илоҳӣ дар назарам.
   Чашми рӯз кушода мешавад,
   Табиат дилхушӣ мекунад.

*Бандгардон:*

Растохезаш рӯзи тантана аст,
Санг аз қабр гирифта шудааст.
Мӯъҷизаи аҷибтарин аст,
Дар ҷалол Масеҳ  зинда аст!

2. Шӯълаҳои офтоб дурахшон,
   Мехонад парандаи хушхон.
   Холиқро меситояд ҷаҳон,
   Хурсандӣ кунем аз дилу ҷон.

3. Бигзор ҳама суруд бихонанд,
   Масеҳи зиндаро васф кунанд.
   Бо шодӣ суруд мехонем мо:
   Қудрату ҷалол баҳри Исо.



## 8 БАЛАНД ЧУН ОСМОН

1. Баланд чун осмон аст меҳри Худо.(3 бор)
   Баланд аст меҳри Худо!

*Бандгардон*:
   Қадамзанон аз пайи Ӯ, (3 бор)
   Бо Исо меравем мо.

2. Васеъ чун чаман аст меҳри Худо. (3 бор)
   Васеъ аст меҳри Худо!

3. Чуқур мисли баҳр аст меҳри Худо. (3 бор)
   Чуқур аст меҳри Худо!



## 9 БАЛЕ, БУЗУРГ АСТ МЕҲРИ ХУДОЯМ

1. Парвардигор гуфт, ва олам пайдо шуд,
   Парвардигор гуфт, ва замину баҳр шуд,
   Парвардигор гуфт, ва моҳу офтоб шуд,
   Парвардигор гуфт, ва одам пайдо шуд.

*Бандгардон:*
   Бале, бузург аст меҳри Худоям,
   Роҳ кушодааст баҳри наҷотам,
   Ман озодам аз бори гуноҳам,
   Исои Масеҳ аст халосгарам.

2. Хушбахтона мард бо занаш сокин шуд.
   Мор фиреб кард, Ҳавворо биозмуд,
   Ба шайтон гӯш кард, одам гуноҳкор шуд.
   Ӯ маргро овард, хушбахтӣ тамом шуд.

*Бандгардон:*
   Бале, бузург аст меҳри Худоям,
   Роҳ кушодааст баҳри наҷотам,
   Ман озодам аз бори гуноҳам,
   Исои Масеҳ аст халосгарам.

3. Аз ҳосил Қобил хост қурбонӣ кунад,
   Барраи Ҳобил ба Худо хуш омад,
   Бо мушташ Қобил додари худро зад,
   Фикр надошт дар дил, рад кунад кори бад.

*Бандгардон:*

Вале, бузург аст меҳри Худоям,
Роҳ кушодааст баҳри наҷотам,
Ман озодам аз бори гуноҳам,
Исои Масеҳ аст халосгарам.

4. Халқ бадкор буданд, лек Нӯҳ Худоро хонд,
Мардум хандиданд, ки киштӣ хоҳад ронд.
Бо об Худованд заминашро пӯшонд,
Дар абрҳо ҳафтранг, нишони файзро монд.

*Бандгардон:*

Бале, бузург аст меҳри Худоям,
Роҳ кушодааст баҳри наҷотам,
Ман озодам аз бори гуноҳам,
Исои Масеҳ аст халосгарам.

## 10 БАРАКАТИ ҲОРУН

1. Исои Масеҳ баракат диҳад,
Ва аз ҳар бадӣ нигаҳат дорад.
Ӯ бо рӯи Худ партав афканад,
Ва ба ҷони ту раҳмат намояд.

II: Бигзор Худованд ба ту нигарад,
Ва осоишаш ба ту бибахшад!:II

2.Аз гуноҳ туро халос намояд,
Ва аз роҳи бад туро дур кунад,
Ҳиссаат доим Худованд бошад,
Парастиши ту ба Худо бошад.

II: Агар ҷони ту ба Худо часпад,
Зиндагии ту пурфайз мешавад. :II

# 11 БАР САЛИБ МАСЕҲО

*Бандгардон:*

Бар салиб Масеҳо
Баҳри гуноҳони мо
Хуни пурбаҳояш
Резонд аз барои мо.

1. Барои он ки моро
Оварад сӯи Худо,
Ранҷу азобҳоро дид
Як бор аз барои мо.

2. Барои гуноҳон мурд,
Инҷил ба мо мегӯяд:
«Мувофиқи Навишта,
Рӯзи сеюм шуд зинда».



# 12 БАРХЕЗ, БАРХЕЗ

*Бандгардон:*
Бархез, бархез, эй дӯст, ба роҳ баро!
Бархез, бархез, паси Масеҳ биё!

1 I: Омад Худованд назди мо,
Сӯи осмон кушодааст роҳ. :I

2 I: Исо гуфтааст: Ман ҳастам роҳ.
Ба Суханаш бовар намо. :I

3 I: Дӯстам, нагард дур аз Худо,
Дилатро бидеҳ ба Исо. :I

4 I: Ҳамвор мекунад Ӯ роҳро.
Мерезонад баракатро. :I



## 13 БАҲ! – ФАРЁД ОМАД

1. Баҳ! – фарёд омад, Масеҳ зинда аст!
   Санги қабр дод зад: Масеҳ зинда аст!

*Бандгардон:*
Ҳалелуёҳ!
Масеҳ зинда аст!

2. Ёронаш диданд: Масеҳ зинда аст!
   Фариштаҳо гуфтанд: Масеҳ зинда аст!

3. Петрус давиду давид: Масеҳ зинда аст!
   Кафанаш холӣ дид: Масеҳ зинда аст!

4. Тумо ламсаш кард: Масеҳ зинда аст!
   Нигоҳ ба дасташ кард: Масеҳ зинда аст!

5. Мо ҳам медонем: Масеҳ зинда аст!
   Ба ҳама мегӯем: Масеҳ зинда аст!



## 14 БЕЧОРА, ЗИҚУ ТАНҲО

1. Бечора, зиқу танҳо
Нестӣ бо Исо.

«Ман бо шумоям ҳар рӯз» (3 бор)
Гуфт Масеҳо. (2 бор)

2. Ман дар хушӣ миннатдор,
Ҳаст Парвардигор.

«Ҳар кун сизлар билан ман» (3 бор)
Дейди Масеҳ. (2 бор)

3. Дар рӯзи танг, медонам,
Бе ёр намонам.

«Уз тамақа тувим то абад» (3 бор)
Лёвҷ Масеҳо. (2 бор)

4. Дар кӯчаву дар мактаб
Аз Ӯст қувватам.

«Я с вами буду всегда» (3 бор)
Сказал Иисус. (2 бор)

5. Аз паси Ӯ мегардам,
Дӯсташ медорам.

„J`suis avec vous tous les jours“, (3 бор)
Dit Jésus Christ. (2 бор)

6. Наҷотгар ба паҳлӯям
   Даъват мекунам.

   “Ich bin bei euch jeden Tag”, (3 бор)
   Spricht Jesus Christ. (2 бор)

   “I am with you every day”, (3 бор)
   Says Jesus Christ. (2 бор)



## 15 БИКШО, БИКШО

1. Бикшо, бикшо,
   Пушти дар тақ-тақ мекунам,
   Бикшо, бикшо,
   Пушти дар тақ-тақ мекунам.

*Бандгардон:*
   Гар овозе шунавӣ,
   Гар овозе шунавӣ,
   В-агар дарат кушоӣ,
   Ман медароям.

2. Тақ-тақ, тақ-тақ,
   Бигзор ба дилат оям,
   Тақ-тақ, тақ-тақ,
   Бигзор ба дилат оям.

3. Бикшо, бикшо,
   Ёбӣ осоишу шодӣ.
   Бикшо, бикшо,
   Ёбӣ осоишу шодӣ.



## 16 БО КАЛОМАШ МАСЕҲ ЛАМС КАРД МАРО

1. Бо Каломаш Масеҳ ламс кард маро,
То бидонам, дӯст медорад маро.
Дар Китоби Ӯ мӯъҷиза дидам,
Лек муҳимтар Хушхабар бароям.

*Бандгардон:*
Хушнудам ман!
Дӯстам дорад,
Дӯстам дорад,
Дӯстам дорад.

2. Муҳаббат фаровард Ӯро аз осмон,
Бар дор дид азоб аз барои мо.
Медонам, Ӯ дӯст медорад маро,
Акнун ман ҳам дӯст медорам Ӯро.

3. Хушнудам ман!
Дӯстам дорад,
Дӯст медорад маро.



## 17 БО ХУДОВАНД

1. Бо Худованд, бо Худованд, бо Худованд
   Ҳар лаҳзае бошам. (2 бор)
   Зиндагӣ чӣ қадар ширин аст,
   Зиндагӣ чӣ қадар ширин аст,
   Гап занам бо Худованд! (2 бор)

2. Ба Худованд, ба Худованд, ба Худованд
   Гӯш диҳам ман ҳар дам. (2 бор)
   Зиндагӣ чӣ қадар ширин аст,
   Зиндагӣ чӣ қадар ширин аст,
   Гӯш диҳам ба Худованд! (2 бор)



## 18 БУЗУРГ АСТ ХУДО

1. Бузург аст Худо,
   Боқувват, тавоно.
   Ӯ метавонад
   Ҳар чизро.

2. Кӯҳҳо, саҳроҳо
   Ҷангал, алафҳо –
   Худо  кардааст
   Ҳар чизро.

3. Бузург аст Худо,
   Боқувват, тавоно.
   Ӯ метавонад
   Ҳар чизро.



## 19 ГАР ИСОРО ДӮСТ МЕДОРӢ

1. Гар Исоро дӯст медорӣ, чапак зан,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, чапак зан,
   Гар Исоро дӯст медорию ҳеҷ ғаме надорӣ,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, чапак зан.

2. Гар Исоро дӯст медорӣ, як бор хез,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, як бор хез,
   Гар Исоро дӯст медорию ҳеҷ ғаме надорӣ,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, як бор хез.

3. Гар Исоро дӯст медорӣ, гӯй «Омин»,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, гӯй «Омин»,
   Гар Исоро дӯст медорию ҳеҷ ғаме надорӣ,
   Гар Исоро дӯст медорӣ, гӯй «Омин».



## 20 ГАРЧИ ХУРДАМ

Гарчи хурдам, нағз инро медонам,
Ки Масеҳо мурд аз бароям.
Чун рӯзи сеюм офтоб баромад,
Хабар расид - «Исо шуд зинда!»
Исо ҷон супурд барои мо,
Бале, зинда шуд ба хушбахтии мо.



# 21 ГУНОҲҲОИ МАРО ХУДО БАХШИД

1. Гуноҳҳои маро Худо бахшид,
   Худо бахшид, Худо бахшид!
   Гуноҳҳои маро Худо бахшид,
   Барои Исои Масеҳ.

2. Аз хурсандӣ шуд ин дилам лабрез!
   Дилам лабрез, дилам лабрез!
   Аз хурсандӣ шуд ин дилам лабрез,
   Барои Исои Масеҳ.

3. Ба Худо якҷоя бисароем!
   Бисароем, бисароем!
   Ба Худо якҷоя бисароем!
   Барои Исои Масеҳ.



## 22 ГӮЕМ «ҲАЛЕЛУЁҲ»

1. Гӯем «ҳалелуёҳ»,
   Шукраш, ҳалелуёҳ.
   Ҳамдаш, ҳалелуёҳ,
   Ситоиш намоем номи Исоро.

2. Исо дӯст дорад маро,
   Ман дӯст дорам Исоро.
   Исо дӯст дорад маро,
   Ситоиш намоям номи Исоро.



## 23 ДАР БИЁБОН, ДАР БИЁБОН



*Бандгардон:*
Дар биёбон, дар биёбон
Дар зери офтоби сӯзон,
Дар биёбон, дар биёбон
Худо гуфт: Ман бо шумоён.

1 Халқаш хеле ташна монд,
Худо онҳоро об нӯшонд.
Исроил аз тилло гӯсоларо сохт,
Дастури Худоро нашинохт.
Мусо лавҳаҳои оинро шикаст бар як харсанг.
Ҷазо мардумро овард ба танг.

2 Тарс дар дили ҷосусон
Дур сохт халқ аз заминашон.
Худо фиристод морҳои заҳрдорро,
Бигазанд мардуми бадкорро.
"Гар касе морро бинад дар чӯб, мешавад сиҳат."
Масеҳ низ туро мераҳонад.

# 24 ДАР КАФИ ДАСТИ ХУДО

1. Дар кафи дасти Худо
Парранда надорад тарс
Дар кафи дасти Худо
Ба одамон паноҳ ҳаст.

2. Ҳар кас дар он ҷой ёбад,
Ҳам хурду ҳам калон.
Ба ҳеҷ кас дар он танг нест,
Дар дастҳои меҳрубон.



## 25 ДАР ШАБ КӢ НАЗДИ ОХУР ОМАДААСТ?

1 I:Дар шаб кӣ назди охур омадааст?
(Чӯпонон):I
Чӯпонон назди охур,
Омаданд дар шаби нур
Дили ҳама аз хурсандӣ пур.

2 I:Ситораро кӣ дар шарқ дидааст?
(Маҷусон):I
Маҷусон диданд онро,
Рафтанд назди Исо,
Бо тӯҳфа парастиданд Ӯро.

3 I:Худо киро даъват мекунад?
(Ҳамаро):I
Биёед назди Исо.
Бинед Писари Худо,
Танҳо Ӯст Наҷоткори дунё.



## 26 ДИЛАМ БО ДОҒҲОИ СИЁҲ

Дилам бо доғҳои сиёҳ,
Пинҳон шуд дар он гуноҳ.
Дилам бо доғҳои сиёҳ,
Пинҳон шуд дар он гуноҳ.

Савол кунӣ: «Чӣ бикунам?»
Дар ҷавоб гӯяд Исо:
«Биё наздиктари салиб,
Чун барф сафед мешавӣ».



## 27 ДИЛ, КИ АЗ ХУДО ТАВАЛЛУД ЁФТ

*Бандгардон:*

Дил, ки аз Худо таваллуд ёфт,
Мешунавад аҷоиб чизҳоро,
Мешунавад гапи Худо, (Бовар дорӣ?)
Мешунавад гапи Худо. (Дар хомӯшӣ.)

1. Гапи бемаънӣ хеле бисёр,
Ҳар рӯз мешунавам ман бисёр.
Бовар дорам:  фақат аз Худо
Сухани ҳаёт ёбам.
(Чӣ қадар интизорам!)

2. Сухани беақлона бисёр,
Ҳар рӯз мешунавам ман бисёр.
Бовар дорам, фақат Худоям
Сухани умед дорад.
(Умеди доим зинда.)

3. Гапи дилозор хеле бисёр,
Ҳар рӯз мешунавам ман бисёр.
Бовар дорам, фақат дар Худо
Тасаллист пайдо
(Хомӯш! Мешунавӣ Ӯ ин ҷост.)

# 28 ДОИМ РОЗӢ, ДИЛИ ХУШБАХТ

1. Доим розӣ, дили хушбахт,
   Дурахшанда, ханда бар лаб.
   Пур аз шодӣ, пур аз кӯшиш,
   Худо дар ман, зистан зебост.

2. Бо Исо Масеҳ ҳама чиз нав шуд,
   Гулҳо зебоянд, дарахтон сарсабз.
   Ман мешавам меҳрубону гапгир,
   Дод баракаташ, манам фарзандаш.



# 29 ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ

1. 01-ро донед, бачаҳо,
   Оташнишонон
   Обро мепошанд.
   Алавро хомӯш мекунанд,
   Бо мардигарӣ наҷот медиҳанд.

*Бандгардон:*
   Аммо тезтар аз онҳо
   Мешнавад Худо туро,
   Медиҳад ҷавобатро.
   Дар Исо,
   Дар Исо.



2. 02 – ро донед, бачаҳо,
   Полис меояд,
   Тартиб мекунад.
   Роҳзанон зуд мегурезанд;
   Мардум тинҷ бошанд, ором мешаванд.

3. 03 – ро донед, бачаҳо,
   Духтур бо мошин
   Ёрӣ меорад.
   Касалро тафтиш мекунад,
   Сӯзан мезанад, дору медиҳад.

## 30 ИН АСТ РӮЗЕ

1) Ин аст рӯзе, ин аст рӯзе,
Ки Худованд дод, ки Худованд дод.
Шодӣ кунем, шодӣ кунем,
Ва “раҳмат” гӯем, ва “раҳмат“ гӯем.
Ин аст рӯзе, ки Худованд дод,
Шодӣ кунем, ва “раҳмат” гӯем.
Ин аст рӯзе, ин аст рӯзе,
Ки Худованд дод.

2) Худо – Султон, Худо – Султон,
Моро дӯст дорад, моро дӯст дорад.
Аз тахти Худ, аз тахти Худ
Ӯ Писарро дод, Ӯ Писарро дод.
Худо – Султон, моро дӯст дорад,
Аз тахти Худ Ӯ Писарро дод.
Худо – Султон, Худо – Султон,
Моро дӯст дорад.

3) Имрӯз, имрӯз, имрӯз, имрӯз
Назди Исо ой, назди Исо ой.
Бо Ӯ бошӣ, бо Ӯ бошӣ,
Хеле шод ҳастӣ, хеле шод ҳастӣ.
Ин аст рӯзе, ки Худованд дод,
Шодӣ кунем, ва “раҳмат” гӯем.
Имрӯз, имрӯз, имрӯз, имрӯз
Назди Исо ой.

# 31 ИНҶИЛ БА МАН МЕГӮЯД

1. Инҷил ба ман мегӯяд:
   Исо маро дӯст дорад,
   Кӯдакони хурду калонро
   Назди Худаш мехонад.

2. Дӯст дорад маро Ӯ,
   Дӯст дорад туро Ӯ.
   Дӯст дорад ҳамаро,
   Чун Инҷил мегӯяд.



## 32 ИНҶИЛ ХОН

Инҷил хон, дуо кун, дуо кун, дуо кун,
Инҷил хон, дуо кун, то калон шавӣ,
То калон шавӣ, то калон шавӣ.
Инҷил хон, дуо кун, то калон шавӣ.

Помирӣ:
Инҷил ҳой, дуо кеҳ, дуо кеҳ, дуо кеҳ.
Инҷил ҳой, дуо қеҳ, то ғула совӣ,
То ғула совӣ, то ғула совӣ.
Инҷил ҳой, дуо кеҳ, то ғула совӣ.

Ӯзбекӣ:
Инҷил  ӯқи, дуо қил, дуо қил, дуо қил,
Инҷил  ӯқи, дуо қил, то  катта бӯлсанг,
То  катта бӯлсанг, то катта бӯлсанг.
Инҷил  ӯқи, дуо қил, то  катта бӯлсанг.



## 33 ИСОРО ҶӮЯМ БОМДОДОН

1. Исоро ҷӯям бомдодон,
   Бештар бинам рӯзгорон,
   Бо Ӯ шавам равон.

*Бандгардон:*

Дӯст медорад, дӯстам медорад,
Медонам, Ӯ дӯстам медорад!
Дӯст медорад, дӯстам медорад,
Медонам, Ӯ дӯст медорад!

2. Ҳар ҷо гӯяд, мешитобам.
   Гарчи хурдам, медонам:
   Хуш аст, бо Ӯ бошам.

3. Дар дари наҷот истодам,
   Дарашро тақ-тақ кардам,
   Дар Ӯ наҷот ёфтам.



## 34 ИСО ЁРУ ДӮСТИ МЕҲРУБОН

1. Исо Ёри меҳрубон,
Наҷоткор, Ороми ҷон;
Ҳар дам аз дастҳои Ӯ
Сар мезад кори некӯ.

*Бандгардон:*
Бачаҳоро дилҷӯӣ,
Хастагонро оромӣ,
Беморонро дод шифо,
Асиронро -- озодӣ.

2. Бо дастони Худ мекард Ӯ
Пои дӯстон шустушӯ.
Ӯ моро кард хандонрӯ,
Ғамгинонро шод кард Ӯ.

3. Акнун қувват ба дастҳо
Бидеҳ ҳар дам, эй Худо,
То мо чун ду дасти Исо
Хизмат кунем дар дунё.

4. Аз гуноҳ озод гардон,
Орому шодон гардон,
То хонем ҳамду сано,
Парастем Туро, Худо!

## 35 КАСБУ КОР

1. Оё ман духтур шавам,
   Касалро шифо диҳам,
   Лангет ва бинтро бандам,
   Дору, сироп чаконам?

*Бандгардон:*
   Ҳар чи хонам, ҳар чи донам,
   Ба Худо хизмат кунам.

2. Оё ман ошпаз шавам,
   Ҳар гуна хӯрок пазам,
   Кафлесро ба даст гирам,
   Одамонро сер кунам?

3. Оё дӯзанда шавам,
   Либоси хушрӯ дӯзам,
   Поргиҳоро часпонам,
   Мардумро оро диҳам?

4. Оё сохтмончӣ шавам,
   Барои Худо созам,
   Кӯҳнаро таъмир кунам,
   Хонаҳоро соз кунам?

5. Оё муаллим шавам,
Илму дониш ёд диҳам,
Аз китоб дарсро хонам,
Қаламро кор фармоям?

6. Нишон деҳ, Исо Масеҳ:
Ба ту чӣ хизмат кунам,
Ман чӣ чизро ёд гирам,
Бароят тайёр бошам?



## 36 КИТОБИ ИНҶИЛ

1. Китоби Инҷил
   Ба ман роҳнамо,
   Мехонамаш ман
   Бо  дуо. (2х)

Бандгардон:
   Азоб кашид Исоям.
   Хунашро рехт барои ман.
   Ҳеҷ фаромӯш намекунам,
   Наҷот бахшид барои ман.
   Шодиро дод бар дилам,
   Фарзанди Худо ҳастам.

2. Китоби Инҷил –
   Каломи Худо,
   Мехонамаш ман
   Доимо. (2х)



# 37 КИТОБИ МУҚАДДАС

1. Китоби Муқаддас
Наҳри оби зинда,
Дарсҳои некӯӣ
Ту дар он меёбӣ.

2. Ҳикматат омӯзад,
Зистанро ёд диҳад,
То навмед нашавӣ
Дар ҳар хел мушкилӣ.

3. Хушхабар ба осмон
Барад хонандагон;
Китобест ҷовидон,
Бо ғайрат онро хон.



## 38 КИТОБЧАИ БЕСУХАН

1. Тилло ранги зару зевар аст,
Тилло ранги шаҳри Худо аст.
Худо дар ҳамон ҷо сокин аст,
Худо поку одил аст.

2. Сиёҳ ранги шаби бемоҳ аст,
Сиёҳ ранги дилҳои мо аст.
Ҷони ман дур-дур аз Худо аст,
Ҷонам гумроҳ шудааст.

3. Сурхтоб ранги огоҳиҳо аст,
Сурхтоб ранги хуни Масеҳ аст.
Исо баҳри ман ҷон додааст.
Исо дӯстам доштааст.

4. Сафед ранги либоси пок аст,
Сафед ранги виҷдони соф аст.
Ҳаёти ҷовидон бепул аст.
Бо имон овар ба даст.

5. Сабзтоб ранги растаниҳо аст,
Сабзтоб ранги калоншавӣ аст.
Инҷил чароғи пойи ман аст,
Инҷил нури роҳам аст.



6. Китобча ҳарфҳо надорад,
Лек баҳрат хушхабар дорад,
Эй, Исо туро дӯст медорад,
Ба ӯ бибанд умедат.

## 39 КОРИ БАДЕ НАКУН

1. Кори баде накун,
Гапи бад нагӯй,
Ба Масеҳ нигоҳ кун,
Фарзанди Худо.

Неку ҳалим аст Исо,
Поквиҷдону бегуноҳ.
Мисли Ӯ аз айб ҷудо
Бояд бошем, бачаҳо. 2х

2. «Душманатро дӯст дор,
Баро(я)ш дуо кун.
Баро(я)ш некӣ кун«, -
Мегӯяд Исо.

Неку ҳалим аст Исо,
Поквиҷдону бегуноҳ.
Мисли Ӯ аз айб ҷудо
Бояд бошем, бачаҳо. 2х

## 40 КӢ ОФАРИДААСТ ДУНЁРО

1. Кӣ офаридааст дунёро, дунёро, дунёро?
   Кӣ офаридааст дунёро?
   Дунёро – Худо!

2. Кӣ офаридааст моҳиро, моҳиро, моҳиро?
   Кӣ офаридааст моҳиро?
   Моҳиро – Худо!

3. Кӣ офаридааст гулҳоро, гулҳоро, гулҳоро?
   Кӣ офаридааст гулҳоро,
   Гулҳоро – Худо!

4. Кӣ офаридааст инсонро, инсонро, инсонро?
   Кӣ офаридааст инсонро?
   Инсонро – Худо!

5. Кӣ офаридааст ҳамаро, ҳамаро, ҳамаро?
   Кӣ офаридааст ҳамаро,
   Ҳамаро - Худо!



## 41 ҚАТОРАИ НАҶОТРО САВОР ШУДААМ

1. Қатораи наҷотро савор шудаам,
   Ба осмон меравам.
   Аз истгоҳи гуноҳ гузашта будам,
   Пиёда намешавам.

Билетро намехарам,
Қатора аз они Худост,
Пас ғам намехӯрам.
Қатораи наҷотро савор шудаам,
Ба осмон меравам.

2. Киштии наҷотро савор шудаам,
   Ба осмон меравам.
   Аз тӯфони сахт гузашта будам,
   Аз мавҷҳо наметарсам.

Билетро намехарам,
Киштӣ аз они Худост,
Пас ғам намехӯрам.
Киштии наҷотро савор шудаам,
Ба осмон меравам.



## 42 МАН БАРРАЧАИ ХУРДАМ

*Бандгардон:*
Ман баррачаи хурдам,
Бо Худо меравам.
Бар роҳҳои басо танг
Ба шаҳри Уршалим.

1. Ба кӯҳҳои баланд
Чӯпонам меравад.
Бо пайраҳаи борик
Рамаро мебарад.

2. «Ман роҳу ростиям»,
Мегӯяд Исоям.
Маро даъват кардааст:
«Аз пуштам биё».

3. Ӯ чӯпони нек аст,
Ҳалимонро дӯст дорад.
Аз худсарию бадӣ
Маро дур мекунад.

## 43 МАН ДАР ДАРУН

Ман дар дарун, берун, боло,
поён доим хушбахтам. 2х

Аз рӯзе Исо омад, гуноҳамро бардошт,
Ман дар дарун, берун, боло,
поён доим хушбахтам.

## 44 МАН ОЗОДӢ ДОРАМ

1. I: Ман озодӣ дорам,
Ту озодӣ дорӣ,
Ҳамаи мо озодӣ дорем. :I

Бандгардон:
Худованд гуфту шуд,
Занҷирҳо пора шуд,
Гуноҳони мо нест шуд, ҳалелуёҳ!

2. I:Ман шодмонӣ дорам,
Ту шодмонӣ  дорӣ,
Ҳамаи мо шодмонӣ дорем. :I



## 45 МАРО ДАР ОСМОН ЯК ЁР БОШАД

1. Маро дар осмон як Ёр бошад,
Ки бар ҳар кӯдаке ғамхор бошад.
I: Дилам аз меҳри Ту саршор бошад.
Масеҳо, меҳри Худ дар мо зиёд кун. :I

2. Зи Исо, он Рафиқи осмонӣ,
Расид файзу ҷамолу шодмонӣ.
I: Намуда кӯдаконро меҳрубонӣ,
Масеҳо, меҳри Худ дар мо зиёд кун. :I

3. Маро дар пеши Яздон аст манзил,
Сари худ мондаам бар синаи дил,
I: Худованду Масеҳу Марди комил,
Масеҳо, меҳри Худ дар мо зиёд кун. :I



## 46 МАРЯМ БО ҶОНУ ДИЛ ГУФТ

1. Марям бо ҷону дил гуфт:
   “Умеди ҷаҳон,
   Масеҳо таваллуд шуд,
   Наҷоткорамон”.

2. Падари Яҳё суруд:
   “Оромии ҷон,
   Масеҳо таваллуд шуд,
   Наҷоткорамон”.

3. Фариштагон суруданд,
   “Сулҳ ба одамон,
   Масеҳо таваллуд шуд,
   Наҷоткорамон”.

4. Шимъӯн ҳамду сано хонд:
   “Нури диламон,
   Масеҳо таваллуд шуд,
   Наҷоткорамон”.

5. Маҷусон ҳамдаш гуфтанд:
   “Подшоҳи осмон,
   Масеҳо таваллуд шуд,
   Наҷоткорамон”.

## 47 МАСЕҲ ЗИНДА АСТ

1. Масеҳ зинда аст, зинда аст Худованд!
Он ки меҳкӯб шуд, ҳоло зинда аст!
Ба гӯш мерасанд он суханон
Гӯё аз осмони дурдаст.

*Бандгардон:*
Масеҳ зинда аст, Масеҳ зинда аст!
Масеҳ дар ҳақиқат зинда аст!

2. Масеҳ зинда аст, меҳру бахшоиш
Ба ҳама Ӯ овардааст!
Баҳри мо мурд ва бо растохез
Бар марг ғалаба овардааст.

3. Масеҳ зинда аст имрӯз, эй дӯстон!
Ӯро дар қалбат кун даъват.
Ҳукмҳояшро ба амал овар,
Бо меҳр ба ёрат бидеҳ даст.



## 48 МАСЕҲ ҲАМА ЧИЗАМ

Масеҳ ҳама чизам,/ тамоми ҳастиям,
Тапиши қалбам,/ суруди лабҳоям.

Туӣ ҳама чизам,/ тамоми ҳастиям.
Офаринандаам,/ эй, Раҳонандаам,
Туӣ ҳама чизам.

Туӣ ҳама чизам,/ тамоми ҳастиям.
Қуввати ман дар Туст,/ эй, Худованд.

Туӣ ҳама чизам,/ тамоми ҳастиям.
Падари ҷовидӣ,/ Наҷоткори абадӣ,
Тамоми ҳастиям.
Падари ҷовидӣ,/ Наҷоткори абадӣ,
Тамоми ҳастиям.

Туӣ ҳама чизам.

# 49 МЕХОҲАМ ПАРВОЗ КУНАМ

1. Мехоҳам парвоз кунам мисли шабпарак,
   Шабпараке, шабпарак!
   Мехоҳам парвоз кунам мисли шабпарак,
   Ман – фарзанди Худо!



Бандгардон:
   Шодам, шодам, Ӯ дӯстам медорад!

2. Мехоҳам овоз хонам мисли бедона,
   Дар болое, дар боло!
   Мехоҳам овоз хонам мисли бедона,
   Ман – фарзанди Худо!

3. Мехоҳам чун малахча бар сабза парам,
   Бар сабзае,  бар сабза!
   Мехоҳам чун малахча бар сабза парам,
   Ман – фарзанди Худо!

4. Мехоҳам чун моҳӣ дар об бозӣ кунам,
   Дар дарёе, дар дарё!
   Мехоҳам чун моҳӣ дар об бозӣ кунам,
   Ман – фарзанди Худо!



5. Мехоҳам Худоро хонам аз ҷону дил,
   Аз ҷону диле, аз ҷону дил!
   Мехоҳам Худоро хонам аз ҷону дил,
   Ман – фарзанди Худо!

# 50 МОҲИЧА ДАР ОБ

1. Моҳича дар об,
   Паранда дар ҳаво,
   Оҳу дав-давон,
   Гул назди ҷӯй,

*Бандгардон:*
   Худо дӯст дорад ҳам ину ҳам онро,
   Мо кӯдаконро – бисёртар .

2. Ҳам тоҷикҳоро,
   Ҳам ӯзбекҳоро,
   Сафедпӯстҳоро
   Ва зангиҳоро,

3. Бишнавед,  халқҳо:
   Дӯст дорад Худо
   Ҳар рӯзу соат
   Ҳама дунёро.



## 51 МӮРЧАИ НЕК КОРЕ КАРД

1. Мӯрчаи нек коре кард, /хеле ҷӯра пайдо кард.
   Ҳар ҷо кунад ӯ назар, /ҷӯраҳоянд аз як сар.

2. Рӯзи дароз ӯ дар кор, /аз кӯчагардӣ безор.
   Ӯ мӯрчаи коргар/ба дӯстону оила.

3. Худо ба ӯ қувват дод, /то ки ҳар эҳтиёҷот
   Аз дасти ӯ ҳал шавад, /ба ёрон мадад шавад.

4. Бачаҳо ҳам инчунин/ дар некӣ бошанд қавӣ.
   Дӯст дор ёру дугона,/ монанди ҳамин мӯрча.

5. Мисли ҳамин мӯрчаҳо, / Худо, бачаҳоят мо.
   Ёрӣ деҳ кордӯст бошем,/ қадри дӯстонро донем.



# 52 НОНИ ҲАЁТ

*Бандгардон:*

Нони ҳаёт Масеҳ аст,
Гурусна намемонем.
Нони ҳаёт Масеҳ аст,
Ҳар рӯз бо Ӯ меравем.



1. Панҷ нон доштанд баҳри гушнагон,
Дар сабад ду моҳии бирён,
Пуле набуд дар кисаашон.
Чӣ тавр сер шаванд ин одамон?

2. Исо гуфт: «Шинонед мардумро
Дар болои алафи саҳро».
Баракат дод нону моҳиро,
Худованд сер кунонд ҳамаро.

3. Ҳар чи дорӣ, бидеҳ ба Худо
Ҳунарҳоят ё дасту поҳо.
Ҳамеша бовар кун ба Исо,
Шодӣ зиёд мешавад он гоҳ.

## 53 ПАНОҲГОҲ, ҚАЛЪАВУ СИПАРАМ

1. Аз вабо халос мекунӣ,
Бо парҳо маро мепӯшӣ.
Ҳазорон аз халқ мемиронӣ,
Лек маро раҳонидӣ.

*Бандгардон:*
I: Паноҳгоҳ, қалъаву сипарам,
Парвардигоро, Ту ҳастӣ.
Танҳо ба Ту бовар менамоям. :I 2х

2. Ба фариштагон фармудӣ
Маро кунанд нигоҳдорӣ.
Ба Ту, Масеҳ, ихлос бастаам,
Ёри ман дар тангиям.

3. Пешвои ман дар зиндагӣ
Сухани Ту нуру ростӣ,
Роҳатро биомӯз ба дилам
Туро пайравӣ кунам.

4. Акнун нишон деҳ,
Худоё, замини ширу асалро.
Бо Ту дар биҳишт мебошам ман,
Худои дӯстдори ман.



## 54 РАҲМАТ

*Бандгардон:*

Раҳмат, эй Масеҳ!
Ки ҳар вақт метавонам гап занам.
Раҳмат, эй Масеҳ!
Мешунавӣ садоям.

1. Наздат ғаму ташвишамро
Меоварам, Худоям.
Ҳар шубҳаи худро
Пеши поят мемонам!

2. Барои некият ба ман
Туро ман шукр мегӯям.
Медонам, ки ба ман
Пурмеҳр ҳастӣ, Худоям!

3. Ҳар чи ман ба ту мегӯям,
Ту медонӣ, Худоям.
Зиндагиямро медиҳам,
Ба Ту, Худоям!

## 55 РОСТӢ, ШУМО КӢ ҲАСТЕД

1. Ростӣ, шумо кӣ ҳастед,
Ки ин қадар хушбахтед?
І:Хандону бо ҳам дӯстед,
Механдеду меракҳсед?:І

2. Моён масеҳӣ ҳастем,
Исоро мепарастем.
І:Падари мо аст Худо,
Ту ҳам биё ҷамъи мо!:І

3. Чӣ китобе мехонед,
Эҳтиёташ мекунед?
І:Чӣ чизе аз он дидед,
Ки дил ба он додаед?:І

4. Роҳу расми зиндагӣ,
Чораи дармондагӣ
І:Дар Инҷил мо меёбем,
Ту ҳам биё, бихонем. :І

## 56 СУЛТОНИ ҶАНГАЛ

Кист Султони ҷангал? Ҳу-Ҳу
Кист Султони дарё? Ба-ба-ба-ба
Кист Султони ин дунё?
Кист Султони ман? Ӯст!
Исои Масеҳ!
Ӯ Султони ман!
Ӯ Султони ин дунё,
Ҷангалу дарё!



# 57 СУРУДИ ДОВУД

*Бандгардон:*

Мисли Довуд далер бош,
Вақте дар ҷанг
Бо исми Худованд пирӯз шуд.
Ӯ ҷангид бо Ҷолиёт
Марди қавӣ
Ки касе ҳарифаш намешуд.

1. Ҷолиёт кулоҳхӯд бар сар,
Ва зиреҳ бар тан,
Зонубанд дар по,
Дар қуввати худ .
Аммо Довуд ба ӯ  гуфт:
Ман ба исми Худо,
Бо қуввати Ӯ
Шикастат медиҳам.

*Бандгардон:*

2. Пас Довуди чӯпон
Нозуку майда
Бо қуввати Худо
Пирӯз шуд дар ҷанг.
Чун на бо қуввати худ
Фақат бо имон
Бо Рӯҳи Худо
Натарсид аз он мард.

*Бандгардон:*

Мисли Довуд далерам,
Боқувватам, (3 бор)
Бо исми Худованд пирӯзам.
Мисли Довуд далерам,
Боқувватам, (3 бор)
Бо исми Худованд пирӯзам.



## 58 СУРУДИ ДОНИЁЛ

1. Дониёли мо буд як имондори хуб,
Ӯ рӯзе се бор дуояшро мехонд.
Ва чун дуо мекард ба назди Худо
Душманҳош андохтандаш ба чоҳи шерон.

Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Ман як шери гушнаам, ки ғизо мехоҳам.
Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Ман як шери гушнаам, ки ғизо мехоҳам.

2. Вақте душманони Дониёл ӯро бурданд,
Фикр карданд, акнун ходими Худоро куштанд.
Аммо Дониёл ба Худо умед дошт
Чун Китоби Муқаддас дуоро дӯст дошт.

Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Ман як шери гушнаам, ки ғизо мехоҳам.
Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Зуд бошед – ман аз дишаб нахӯрдам шом.

3. Аммо фариштаи Худо бо Дониёл буд,
Даҳони шеронро маҳкам баста буд.
Дониёл ҳам рафт зуд сухан оғоз кард,
То субҳ назди Худовандаш дуо кард.

Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Ман як шери гушнаам, ки ғизо мехоҳам.
Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Зуд бошед – ман аз дишаб нахӯрдам шом.

4. Дорёвеш подшоҳ, ки дид Дониёл зинда аст,
Худоро шукр карду парастиш кард.
Ва дастур дод то андозанд пеши шерон
Ҳама душманони он марди Худо.

Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Ман як шери гушнаам, ки ғизо мехоҳам.
Ҳам-ҳам-ҳам-ҳам,
Зуд бошед – ман аз дишаб нахӯрдам шом.



# 59 СУРУДИ ЛАГЕР




Лагер – мо тайёр ҳастем!
Сачоқ, либос овардем!
Лагер – парчам бардорем!
Сурнайро гӯш медиҳем!

1. Оё ту дӯст медорӣ,
   Волейбол ва оббозӣ?
   Худо обро ба мо дод,
   Оё инро ёд дорӣ?

2. Бо ҳам бошем дар бозӣ,
   Банд бо корҳои дастӣ.
   Ҳар шодиро Исо дод,
   Оё ту шукраш гуфтӣ?

3. Оё аз дил мехонӣ?
   Дарсро хуб мефаҳмӣ?
   Инҷил роҳи наҷот аст,
   Оё ту бовар дорӣ?

4. Оё дӯсти нав ёфтӣ,
   Ё ба кӯҳна часпидӣ?
   Исо дӯсти беҳтарин –
   Оё инро медонӣ?

## 60 СУРУДИ МУСО

*Бандгардон:*
Бархезу бирав, Мусо,
Ба замини Миср баро,
Ба фиръавн бигӯй, Мусо:
I: Равона кун мардумро!:I (Эй)

1. Халқи Исроил ғулом шудаанд,
Солҳои бисёр дар азоб буданд.
Фиръавни мисрӣ чунин фармон дод,
Ки кушта шавад бачаи навзод.

2. “Ғулом набошад Исроили Ман,
Онро аз ситам раҳо кунам Ман”.
Худо мардумро аз Миср барорад,
Бо дасти пурзӯр халқро барорад.

3. Чӣ сон шаби тарсу биму ваҳм буд,
Наҷоти мардум хуни Песаҳ буд.
Чӣ шодон мардум равона шуданд,
Сӯи баҳри Сурх равона шуданд.

4. Мардумро аз баҳр гузаронд Худо,
Чӯпону Роҳбар буд танҳо Худо.
Фиръавн бо лашкар ба баҳр поён шуд,
Ба лашкари Миср баҳр гӯристон шуд.

5. Ҳамаи мардум раҳоӣ ёфтанд,
Онҳо Худоро ситоиш карданд.
Худо мардумро ба Канъон барад,
Бо абру оташ роҳбарӣ кунад.



# 61 СУРУДИ НӮҲ

1. Рӯзе як рӯзгоре/ Худо будааст нороҳат,
   Чун бадиву торикӣ,/ пур шуда будааст хилқат.
   Худо гуфт аз осмон/ ба он Нӯҳи меҳрубон:
   «Бирав, бисоз як киштӣ,/ ту хубиву биҳиштӣ.
   Ҳайвонҳоро ҷудо-ҷудо, / аз ҳар кадом дуто-дуто,
   Савори киштӣ бикун,/ ҷудо аз зиштӣ бикун».
   Парандаву хазанда/ савор шуданд бо ханда
   Ёҳуё! Тӯфон омад, /борони бисёр омад.

2. Дунё шудааст пур аз об, / зиштиҳо рафт зери об,
   Аммо Нӯҳу ҳайвонҳо/ дар киштӣ монданд ҷудо.
   Худо Нӯҳро наҷот дод, /шодиро ба онҳо дод.
   Рангинкамони зебо/ Худо кашид ба дунё.
   Рангинкамон як қавл буд, /нишоне аз наҷот буд.
   Наҷоташон дод Худо,/ ба қавли Худ кард вафо.
   Ваъдаву қавли Худо / ҳамеша мешавад иҷро.
   Мисли Худои зебо,/ мисли Худои зебо
   Амал кунем ба қавлҳо.



## 62 СУРУДИ ЮСУФ

1. Худо Юсуфро нигоҳ дошт,
Ӯ дар ҳама кор комёб шуд.
Худо Юсуфро нигоҳ дошт,
Ӯ хеле комёб шуд.

*Бандгардон:*
Бале, Худо дошт нигоҳ,
То мо аз ин бошем огоҳ.
Бале, Худо кард дифоъ,
То мо донем Ӯро.

2. Юсуф бисёр азоб кашид,
Бародарон фурӯхтандаш.
Юсуф бисёр азоб кашид,
Ба Миср ӯро бурданд.

3. Дар Миср ӯ зиндонӣ шуд,
Лекин Худо ӯро намонд.
Дар Миср ӯ зиндонӣ шуд,
Ба ҳама ӯ овард тоб.

4. Баъд аз ин худи фиръавн ҳам
Қадру иззат барояш дод.
Баъд аз ин худи фиръавн ҳам
Юсуфро қадр дод.

5. Вақте гуруснагӣ омад,
Юсуф ба ҳама дод ғалла
Вақте гуруснагӣ омад,
Ба ҳама дод ғалла.

6. Роҳи дарозе паймуда,
Бародаронаш омаданд.
Роҳи дарозе паймуда,
Ба наздаш омаданд.

7. Қасосашро ӯ нагирифт,
Ҳамаро ба онҳо бахшид.
Қасосашро ӯ нагирифт,
Ҳамаро ӯ бахшид.

8. Падарашро ҳам наздаш хонд,
Замини беҳ барояш дод.
Падарашро ӯ наздаш хонд,
Замини беҳ ӯ дод.



## 63 СУРУДИ ЯЪҚУБ

1. Яъқуб хаймanишини фурӯтан буд,
Эсав, экизаки ӯ, калонӣ буд,
Лек бо ҳилагарӣ ва оши сурх хурдӣ
Аз бародар баракатро рабуд.

2. Падараш солхӯрдаву нобино буд,
Ба Эсав баракатро ваъда намуд,
Лек бо хӯроки хуб фиребаш кард Яъқуб,
Эсав аз додари худ хафа шуд.

3. Дар гурез Худо ба Яъқуб зоҳир шуд,
Ӯ гуфт: «Ман бо ту ҳамеша хоҳам буд,
Лек такя кун ба Ман, паноҳгоҳ ҳастам Ман».
Яъқуб тарсон шуд пас аз хоби худ.

4. Фиребгар фиреб хӯрд дар тӯйи худ,
Аз чор зан Яъқуб хеле писардор шуд,
Лек хости Худоро напурсид ӯ ҳоло.
Худо дар ҷанг расондаш ба мақсуд.

5. Акнун гӯед, чиро ёд бигирем мо!
Аз фиребу найранг даст бикашем мо,
Чунки ростгӯиро дӯст медорад Худо.
Он чи коштем, ҳосил мекунем мо.

## 64 ТАВАЛЛУД, ТАВАЛЛУД

1. Исои Масеҳ, он Шоҳи шоҳон
   Омад ба ҷаҳон, то диҳад моро наҷот.
   Эй дӯстон, ин вақти суруду шодист,
   Милоди Масеҳи ваъдашуда аст.

*Бандгардон:*
   Таваллуд, таваллуд,
   Таваллуди Ӯст.
   Шод бошед, суруд хонед,
   Чун таваллуди Ӯст.

2. Наҷотдиҳанда ба дунё омад,
   Тахти салтанаташ дар даврҳо монад.
   Биёед бо фариштагон сароем,
   Подшоҳи пурҷалолро биситоем.

3. Маҷусонему аз шарқ омадем,
   Баҳри парастишаш мо ҳам ташнаем.
   Ситораи бузургашро дидаем,
   Диламонро барояш тӯҳфа кардем.



## 65 ТАМОМИ ДУНЁ ДАР ДАСТИ ХУДО

1. Тамоми дунё дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар дасти Ӯст тамоми дунё.

2. Шамолу борон дар дасти Худо, (3бор)
   Дар дасти Ӯст шамолу борон.

3. Ҳама раъду барқ дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар дасти Ӯст ҳама раъду барқ.

4. Бибию бобо дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар дасти Ӯст бибию бобо.

5. Хурду калонҳо дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар Ӯст хурду калонҳо.

6. Офтобу моҳтоб дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар дасти Ӯст офтобу моҳтоб.

7. Ману ту ҳастем дар дасти Худо, (3 бор)
   Дар дасти  Ӯ ҳастем ману ту.

## 66 ТАШАККУР, ХУДОВАНД

*Бандгардон:*

Ташаккур, ташаккур, Худованд,
Ташаккур, ташаккур мегӯям.
Ташаккур, ташаккур, Худованд,
Ташаккур мегӯям.

1. I: Барои тарбуз, себу гелосат –
Ту бо офтоб онҳоро мепазӣ. :I

2. I: Барои кулча, нону равғанат –
Ҳар рӯз онҳоро ба мо медиҳӣ. :I

I:Барои биринҷу картошкаат –
Ту хурду калонро сер мекунӣ.:I



## 67 ТАЪРИФ КУНЕД, ДӮСТОН

*Бандгардон:*

Таъриф кунед, дӯстон,
Номи Худои мо – хест Ӯ  аз мурдагон.
Ҳамду санои мо
Доим диҳад садо – Исо шуд  дастболо.

1. Ба дор кашиданд Ӯро,
Ҷон дод дар салиб Исо.
Дид ба ҷои ман ҷазо.
Баъди се рӯз шуд эҳё
Наҷоткори мо.

2. Акнун кушода шуд роҳ
Сӯи биҳишту само.
Медиҳад наҷот ба мо
Бовар кунем Каломро:
Бархест Масеҳо.

## 68 ТУ МЕДОНӢ ГУНОҲ ЧИСТ?

1. Ту медонӣ гуноҳ чист?
Аз гапи Худо сарпечист.
Аз гуноҳон рӯй гардон,
«Марг сазои гуноҳон».
Аз гуноҳон рӯй гардон,
«Марг сазои гуноҳон».

2. Ба гапи падару модар
Оё ту гӯш медиҳӣ?
Дар сухану дар амал
Оё ту рост мебошӣ?
Дар сухану дар амал
Оё ту рост мебошӣ?

3. Мехоҳӣ, ки Худованд
Туро ҳам наҷот диҳад?
Ба Масеҳ Исо бигӯй –
Гуноҳатро мебахшад.
Ба Масеҳо рӯй овар –
Гуноҳатро мебахшад.

## 69 УМЕДИ МО

1. Умеди мо, Масеҳ, Туӣ,
Ишқи мо, бахти мо, Туӣ,
Шодии мо, ҳаёти мо,
Хушиву орзуҳои мо.

*Бандгардон:*
I:Мо бар ту такя намоем,
Мо дар ту зиндагӣ дорем,
Мо бар ту назар намоем,
Дар осмонҳо.:I

2. Барои мо азоб кашидӣ,
Бар салиб хунатро рехтӣ
Акнун ба мо наҷот додӣ,
Аз ғаму ашк  озод кардӣ.



## 70 ӮРО МЕПАРАСТАМ БО РАҚСУ ОВОЗ

Ӯро мепарастам бо дастҳои воз,
Ӯро мепарастам бо рақсу овоз.
Ӯро мепарастам бо дастҳои воз,
Ӯро мепарастам бо рақсу овоз,
Бо рақсу бо шодӣ, бо лабханд
Ӯро мепарастам.
Бо дасту бо пову бо лабханд
Ӯро мепарастам.

Бо чархиши зебову бо дастҳову по,
Ба росту чапу бо сарҳои боло,
Бо чархиши зебову бо дастҳову по,
Ба росту чапу бо сарҳои боло,
Исо Худовандам,
Шоҳу ҳам Дӯсти ман,
Туро мепарастам.
Исо Худовандам,
Шоҳу ҳам Дӯсти ман,
Туро мепарастам.

## 71 Ӯ, Ӯ, Ӯ – НЕК АСТ ХУДО

1. Ӯ, Ӯ, Ӯ – нек аст Худо, (3 бор)
   Фаромӯш намекунам, он чӣ бароям кард.

2. Наҷотам медиҳад, нек аст Худо, (3 бор)
   Фаромӯш намекунам, он чӣ бароям кард.

3. Баракаташ медиҳад, нек аст Худо, (3 бор)
   Фаромӯш намекунам, он чӣ бароям кард.

4. Ҳаёти нав медиҳад, нек аст Худо, (3 бор)
   Фаромӯш намекунам, он чӣ бароям кард.



# 72 ФАРИШТА ПАЙДО ШУД

1. Фаришта пайдо шуд,
Санг аз гӯр ҷудо шуд.
Дар рӯзи сеюм  бархост Исо!
Аз мурдагон зинда шуд,
Қабри худ холӣ намуд.
Ҳамду сано ба Исо, Ӯ - зинда!

2. Мебахшад гуноҳро,
Пеш мекунад тарсро,
Шайтонро шикаст дод Исои мо!
Ҳаётро медиҳад,
Ӯ дӯстат медорад
Ҳамду сано ба Исо, Ӯ - зинда!

3. Бовар кун ба Исо
Наҷоткори дунё.
Сӯи осмон  Ӯ кушод роҳро!
Шодӣ дар дили мо,
Фарзандони Худо.
Ҳамду сано ба Исо, Ӯ - зинда!

## 73 ХАБАР ЧУН БАРҚ МЕДАВАД

1. Хабар чун барқ медавад,
   Медавад, медавад.
   Чӣ гап шудааст? (2 бор)
   Дар шаҳраки Байт-ул-Лаҳм,
   Байт-ул-Лаҳм, Байт-ул-Лаҳм.
   Масеҳ таваллуд шуд! (2 бор)




2. Ҷой барояш ёфт нашуд,
   Ёфт нашуд, ёфт нашуд
   Дар ҳеҷ хонае. (2 бор)
   Дар бечорагӣ омад,
   Ӯ омад, Ӯ омад,
   Дар охур хобид. (2 бор)

3. Оҳ, чӣ қадар хурсандӣ,
   Хурсандӣ, хурсандӣ
   Байни чӯпонон. (2 бор)
   Чун фаришта гуфтааст,
   Гуфтааст, гуфтааст:
   Масеҳ таваллуд шуд! (2 бор)

4. Шаъну шукӯҳ ба Худо,
   Ба Худо, ба Худо!
   Дод Писарашро. (2 бор)
   Осоиш бод бар замин,
   Бар замин, бар замин,
   Худованд бо мост. (2 бор)

## 74 ХЕЗ, ИБРОҲИМ, ХЕЗ

*Бандгардон:*

Хез, Иброҳим, хез, /Ба сафар баро.
Хез, Иброҳим, хез, /Дон, ки бо туст Худо.

1. Ва Иброҳим монд ҳар чӣ дошт,
Бовар кард ба Худо.
Ба шаҳри бегонае рафт,
Чун фармудааст Худо.

2. Гуруснагӣ кашид дар роҳ,
Гузарон аз саҳро.
Аз рӯи гуфтаи Худо
Давом дод сафарро.

3. Баҳри ҳар ду тангӣ кард ҷо,
Луту Иброҳимро,
Аммо дар ин гуна корҳо,
Нахост фоидаашро.

4. Завҷааш пир, фарзанде нест,
Лек дод ваъда Худо:
«Он қадар ёбӣ фарзандон,
Чун рег андар дарё».

5. Исҳоқ – писарбачаи дилхоҳ,
Надониста онро
Бояд дар кӯҳ мешуд қурбон,
Наҷоташ дод Худо.

6. Кӣ бовар дорад чун пире
Иброҳим ба Худо,
«Дӯсти ман, дӯст дорам туро», -
Мегӯядаш Худо.



## 75 ХЕЛЕ ХУБ АСТ

1. Хеле хуб аст дар хонаи Падар,
   хонаи Падар, хонаи Падар.
   Хеле хуб аст дар хонаи Падар,
   Он ҷо зебо аст.

2. Исо роҳ аст ба хонаи Падар,
   хонаи Падар, хонаи Падар,
   Исо роҳ аст ба хонаи Падар,
   Он ҷо зебо аст.

3. Эй дӯст, биё ба хонаи Падар,
   хонаи Падар, хонаи Падар.
   Эй дӯст, биё ба хонаи Падар,
   Он ҷо зебо аст.

4. Вомехӯрем мо дар осмон бо ту,
   Дар осмон бо ту, дар осмон бо ту.
   Вомехӯрем мо дар осмон бо ту,
   Хонаи Падар.

## 76 ХУБ АСТ ДӮСТ ДОРЕМ ИСОРО МО

1. Хуб аст дӯст дорем Исоро мо
   Ҳар рӯз. Омин.
   Хуб аст дӯст дорем Исоро мо
   Ҳар рӯз.

*Бандгардон:*
   Якшанбе, душанбе, сешанбе,
   Чоршанбе, панҷшанбе,
   Ҷумъаву шанбе.
   Хуб аст бошем бо Исо
   Ҳар рӯз.

2. Хуб аст дуо кунем ба Исо
   Ҳар рӯз. Омин.
   Хуб аст дуо кунем ба Исо
   Ҳар рӯз.

3. Бигзор Исо баракат диҳад
   Ҳар рӯз. Омин.
   Бигзор Исо баракат диҳад
   Ҳар рӯз.

## 77 ХУДО БА МО ҲАМА ЧИЗ ДОД



1. Худо ба мо ҳама чиз дод,
   Ман хушбахтам.
   Нури офтоб, гоҳе борон,
   Ман хушбахтам.

2. Дӯст медорам сабза, гулҳо,
   Боғу буттаву дарахтҳо,
   Меваҳои хуш бар онҳо,
   Ман хшбахтам.

3. Падару модарам неканд,
   Ман хушбахтам.
   Онҳо ғамамро мехӯранд,
   Ман хушбахтам.

4. Бо меҳр хӯрокам медиҳанд,
   Либоси нав мепӯшонанд,
   Бо навозиш мехобонанд,
   Ман хушбахтам.

5. Худо ғамамро мехӯрад,
   Ман хушбахтам.
   Дар осмон хона месозад,
   Ман хушбахтам.

6. Ҳама чиз зеботар он ҷо,
   Вохӯрам бо дӯстон он ҷо,
   Бо файзи Худ диҳад Худо,
   Ман хушбахтам.

## 78 ХУДОВАНДИ МЕҲРУБОНИ МАН

1. Худованди меҳрубони ман,
   Ба ҷаҳон омадӣ баҳри ман.
   Бечора гаштӣ барои ман.

2. Чӯпонон хабарро шуниданд,
   Хушо ҳама, ки бовар кунанд:
   "Омадааст наҷоти Худованд"

3. Ахтари Ӯро дар шарқ диданд,
   Бо имон аз пасаш шитофтанд.
   Исои Масеҳро дарёфтанд.

4. Инҷил то ҳол ба гӯш мерасад,
   Исо барои ту низ омад,
   Аз гуноҳонат мераҳонад.



## 79 ХУДОВАНД ИСОРО МЕСАРОЯМ

1. Худованд Исоро месароям,
   Муҳаббаташ дар салиб дидам.
   Худованд Исоро месароям,
   Маро халос кард аз гуноҳҳоям.

*Бандгардон:*
   Танҳо бо Масеҳ ман тарсе надорам,
   Танҳо бо Масеҳ ман хушбахтам доимо. 2х

2. Ӯ бо ман ҳар рӯзу ҳар соат,
   Пеши ман қадамаш мезанад.
   Доим дар паҳлӯям меравад,
   Аз пушт маро паноҳ медиҳад.

3. Исо дӯст медорад ҷаҳонро,
   Ҳам хурдон, ҳам калонсолонро.
   Осоиш медиҳад  ба онҳо
   Ки дӯсташ медоранд бечаро.

## 80 ХУДО ДӮСТДОРУ НАҶОТИ ҶОНАМ

1. Худо дӯстдору наҷоти ҷонам,
Худо дӯстдору роҳнамоям.

*Бандгардон:*
I: Пас бояд сароям, Худоям некӯст,
Худоям некӯст, дӯстам дорад. :I

2. Баста будам дар қайди асорат,
Баста будам дар қайди гуноҳ.

3. Худои Падар Ӯро фиристод,
Масеҳ омаду наҷотам дод.

4. Исои маҳбуб, ҷонаш фидо кард,
Аз ҳар гуноҳам  озод намуд.

5. Дар номи Ӯ мо пирӯзӣ дорем,
Бо номи Ӯ мо хушбахт ҳастем.

## 81 ХУДОИ НЕКУ МЕҲРУБОН

*Бандгардон:*
Худои неку меҳрубон
Моро дӯст дошт дар кишварамон.
Мегирад аз дастамон,
Мебарад ба осмон.
Моро наздаш хонд аз дилу ҷон.

1. Воқеъ дар байни кӯҳистон -
Ватани азизам.
Худои нек Дӯстдорам аст,
Тоҷикбачаам ман.

2. Ман ҳам аз аҳли Осиё,
Фарзанди ӯзбекам.
Ба ман гуфт: «Аз пуштам биё» -
Исои дӯстдорам.

3. Дар Аврупо - хонаи ман,
Чун барф сафедам ман.
Холиқамро месароям
Бо дили хушҳолам.

4. Дар зери офтоби сӯзон
Сиёҳпӯст омадам.
Дар Африқоям, эй дӯстон,
Бо Исо дӯстам ман.

5. Дар ҷангалҳои Амрико
Пинҳон мешавам ман.
Бо парҳо худро ороям,
Бозиро дӯст дорам.

6. Дар Австралиё - хонаи ман,
Байни кенгуруҳо.
Падари ман гардид Худо
Андар Масеҳ Исо.



## 82 ХУДО НЕКӮСТ

1. Худо некӯст, бо шодӣ сароем,
   Худо некӯст, ҳамдаш гӯем,
   Худо некӯст, боварӣ дорем,
   Худо некӯст, мо медонем.

2. Чун ба ёд орам муҳаббаташ
   Дилам ҳамд гӯяд, аз шодӣ мерақсам.
   Чун дар дилам барояш ҷо ҳаст,
   Ба сӯяш меравам бо шавқ.

3. Худо некӯст, бо шодӣ сароем,
   Худо некӯст, ҳамдаш гӯем,
   Худо некӯст, боварӣ дорем,
   Худо некӯст, мо медонем.



## 83 ХУДО НЕКӮСТ

1. Худоҷон, нигоҳам дор
Дар ин зиндагӣ.
Бо дасти Худат маро
Кун Ту роҳбарӣ.

2. Медонам, ки дар ҳар ҷо
Доим бо манӣ.
Ҳис кунад ҷонам Туро
Андар оромӣ.

3. Ягон кори бад кунам
Ман беандеша,
Ба Ту гӯям, мефаҳмӣ
Маро ҳамеша.

4. Аз барои ин кор ҳаст
Ин ҳиссиётҳо:
Ҳамд мегӯям, чун Туӣ
Пешам доимо.

# 84 ХУШХАБАРРО МЕРАСОНЕМ

Хушхабарро мерасонем, мерасонем, мерасонем.
Хушхабарро мерасонем ва шоду хурсанд ҳастем.

Туро Худо дӯст медорад, дӯст медорад, дӯст медорад.
Туро Худо дӯст медорад ва даъват мекунад.

Туро Масеҳ мераҳонад, мераҳонад, мераҳонад.
Туро Масеҳ мераҳонад, ба Ӯ имон овар.



## 85 ҲАР РӮЗ СУБҲ , КИ АЗ ХОБ МЕХЕЗАМ

Ҳар рӯз субҳ , ки аз хоб мехезам,
Худои бузургро мепарастам.
Ҳар рӯз субҳ , ки аз хоб мехезам,
Худои бузургро мепарастам.

Шод ҳастаму суруд мехонам,
Бо дуо ҳар рӯзро сар мекунам.
Шод ҳастаму суруд мехонам,
Бо дуо ҳар рӯзро сар мекунам.

Вақти бозиву ҳам вақти варзиш
Ёдам намеравад ҳамду парастиш.
Вақти бозиву ҳам вақти варзиш
Ёдам намеравад ҳамду парастиш.

Бо рӯи хандон, бо қалби шодон
Бо дастҳои воз Ӯро мепарастам.
Бо рӯи хандон, бо қалби шодон
Бо дастҳои воз Ӯро мепарастам.

## 86 ҲАР ҲАЙВОН ХӮРОК МЕЁБАД



Ҳар ҳайвон хӯрок меёбад,
Ҳар гул обат менӯшад.
Ҳам моёнро фаромӯш накардӣ
Худо, мо шукр мегӯем. Омин.

## 87 ҲАР ЧИЗИ ДАРКОРИРО

Ҳар чизи даркориро
Ба ман медиҳӣ, Худо.
Ҳеҷ кас додан натвонад
Он чи медиҳӣ, Худо.

Мебахшӣ гуноҳамро,
Худо, дӯст дорӣ маро.

## 88 ҲӮ-ҲӮ-ҲӮ-ҲӮ-ҲӮШАЪНО

Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ-ҳӯшионо,
Ҳа-ҳа-ҳа-ҳалелуёҳ!
Эй дӯстон, ману шуморо
Дӯст медорад Худо.

## 89 ЧАНДОН ВАЗИФАИ КАЛОН НАДОРАМ

1. Чандон вазифаи калон надорам,
Ҳунари ман каму қувват надорам.
Лекин дар андаке хуб кунам хизмат,
То ки доим Ӯ аз ман розӣ бошад.

*Бандгардон:*
Гӯшаи ман –
Олами хурдам.
Хизмат кунам,
Чунон ёд дод Устодам.

2. Гарчи дар гӯшаам намоён нестам,
Хуш ба Наҷоткорам хизмат мекунам.
Дар ҳар кори хурд бовафо мемонам,
То ки Ӯ розию хуш бошад аз ман.

3. Вақте ки Устодам аз ин гӯшаам
Ба подшоҳии Худаш мебарадам,
Он гоҳ ҳама чиз фаҳмо шавад ба ман,
Ки беҳтарин буд ин гӯша бароям.

## 90 ЧАРО АЛАФ МЕРӮЯД

1. Чаро алаф мерӯяд,
Барг хишир-хишир дорад,
Намедонам ман чаро, чаро?
Кӣ дод ба пашша болҳо,
Думи фах ба рӯбоҳҳо,
Кӣ кард ину онро, ҳамаро?

*Бандгардон:*
Ҳикоя кунед ба ман шумоҳо,
Чаро, ман намедонам, чаро?
Ҳар чӣ парвоз мекунад,
Ҳар чӣ хандон мерӯяд,
Кӣ дод ҷон барои ҳамаи онҳо?

2. Кӣ пайдо кард ҳайвонҳо?
Гурбаи азизамро
Кӣ ёд бидод ӯро миявро?
Чӣ қадар вазни абрро?
Дарё медавад чаро?
Аз кучҷову ба кучҷо, чаро?

3. Акнун фаҳмидам инро –
Ҳама чизро сохт Худо,
Аз Ӯ ҳастанд офаридаҳо.
Модару падар ва ман,
Фил, мӯрчаву гурбаам,
Аз Ӯ ҳастанд офаридаҳо.

4. Холиқи дунё Худост,
Зиндагӣ доду дӯст дошт.
Кард пайдо ҳамаи чизҳоро,
Ҳар чӣ парвоз мекунад,
Ҳар чӣ хандон мерӯяд,
Ташаккур намоям барояш.



## 91 ЧӢ ХЕЛ МАН БА ОСМОНҲО РАСАМ?

1. Чӣ хел ман ба осмонҳо расам?
Бар велосипедам савор шавам,
Мошин харам, бар ракета парам?
Чӣ хел ман ба осмонҳо расам?
Мошин харам, бар ракета парам?
Чӣ хел ман ба осмонҳо расам?

2. Оё лозим аст ҳавопаймо,
Киштӣ, ки дар баҳр кунад шино?
Аспу аробае кунам пайдо?
Чӣ хел ман ба осмонҳо расам?
Аспу аробае кунам пайдо?
Чӣ хел ман ба осмонҳо расам?

3. Гуноҳамро монам, бахшиш пурсам,
Ин хел осмонҳоро ба даст орам.
Бовар дорам ба Масеҳ Исо,
Дар осмонҳо мешавам доимо.
Бовар дорам ба Масеҳ Исо,
Дар осмонҳо мешавам доимо.

# 92 ШАБИ ОРОМ, ШАБИ ДИЛПУР

1. Шаби ором, шаби дилпур
Ҳама хоб, бедоранд танҳо
Дар як маконе очаву бача,
Тифли ширину майдача,
Аз ҷону дил хушбахтанд! (2бор)

2. Шаби ором, шаби дилпур
Хабар аз осмонҳо омад:
«Таваллуд шуд Исои Худованд!»
Сулҳу наҷот Ӯ ба ҳама овард,
Нури Худоро пошид! (2бор)

3. Шаби ором, шаби дилпур
Дар осмон суруд хонданд.
Кош кушода шаванд дилҳои мо,
Бо лаби худ ҳамд гӯем Худоро,
Ӯ Наҷотдиҳанда дод! (2бор)



## 93 ШОДӢ БИКУНЕД

*Бандгардон:*

Шодӣ бикунед/Исои Масеҳ омад.
Шодӣ бикунед/Наҷотдиҳанда омад.

1. Худо фиристодааст Писари Худро,
Ки Имонуил аст – Худо бо мо.
Кӯдак дар охур зода шудааст ба мо,
Ӯст Писари Одам, номаш –Исо.

2. Барраи Худо дар салиб ҷон додааст,
Исо аз мурдагон бархестааст.
Гуноҳ, маргу шайтонро шикаст додааст,
Ба осмон рафта, бар тахт нишастааст.

3. Эй одами гумроҳ, дар гуноҳ мемурӣ,
Танҳо дар Масеҳ ту наҷот дорӣ.
Агар  тавба кунӣ ва имон оварӣ,
Ҳаёти ҷовид ба даст меорӣ.

# 94 ЭЙ БАЧАҲОИ ШИРИН

1. Эй бачаҳои ширин, тезтар давед,
   Сӯи оғил назди охур шитобед!
   Дар чунин шаби аҷибу муқаддас
   Писари Худо таваллуд шуд ба мадад.

2. Бинед, чӣ хел хобид Наҷоткор он ҷо,
   Бинед, чӣ хел Нури аҷибаш тобон,
   Кӯдаки осмон нозанину зебо,
   Ширину дилкаштар аз фариштаҳо.

3. Ӯ хобидааст рӯи коҳ баҳри мо,
   Маряму Юсуф сӯяш доштанд нигоҳ.
   Саҷда карданд дар пеши Ӯ чӯпонон,
   Дастаи овозхонон ҳамдсароён.



## 95 ЭЙ БАЧАҲОИ ШИРИН

1. Эҳтиёт кун чашматро, чӣ мебинад. (2 бор)
Чун Худо бо муҳаббат ҳар рӯз туро мебинад,
Эҳтиёт кун чашматро, чӣ мебинад.



2. Эҳтиёт кун гӯшатро, чӣ мешунавад. (2 бор)
Чун Худо бо муҳаббат ҳар рӯз туро мебинад,
Эҳтиёт кун гӯшатро, чӣ мешунавад.



3. Эҳтиёт кун даҳонро, чӣ мегӯяд. (2 бор)
Чун Худо бо муҳаббат ҳар рӯз туро мебинад,
Эҳтиёт кун даҳонро, чӣ мегӯяд.



4. Эҳтиёт кун дастатро, чӣ мекунад. (2 бор)
Чун Худо бо муҳаббат ҳар рӯз туро мебинад,
Эҳтиёт кун дастатро, чӣ мекунад.



## 96 ЭЪЛОН, ЭЪЛОН

Эълон, эълон ба хурду калон,
Эълон: Худо аст меҳрубон.
Эълон, эълон ба хурду калон,
Шод бош, ҳама ҷаҳон.

Шодӣ, шодӣ бод дар диламон,
Худо бошад  умедамон.
Шодӣ, шодӣ бод дар диламон,
Ӯ омад ба ҷаҳон.

## 97 ЯК, ДУ

Як, ду – Худо нигарад ба ту;
Се, чор, панҷ – Ӯ бурд барои ту ранҷ;
Шаш, ҳафт, ҳашт – Аз мурдагон баргашт;
Нӯҳ ва даҳ – Ҳаёт баҳрат дод тӯҳфа.



## 98 ЯКЕ ХОНААШРО СОХТ

1. Яке хонаашро сохт бар рӯи рег,(3x)
   Ва борони сахт борид.
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва он хона фурӯ рафт.

2. Дигаре хонаашро сохт бар рӯи санг, (3x)
   Ва борони сахт борид.
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва борон борид, селобҳо равон шуд,
   Ва он хона бар санг поид.

3. Хонаатро соз бар Исои Масеҳ, (3x)
   Ва борон сахт меборад.
   Меҳраш ба ту резад, ҳамдаш баланд шавад.
   Меҳраш ба ту резад, ҳамдаш баланд шавад.
   Меҳраш ба ту резад, ҳамдаш баланд шавад.
   Хонаатро соз бар Масеҳ.

